**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович дар мавзуи “Шартҳои педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои байни омӯзгор ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст.**

Дар ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар “Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030” қайд гардидааст, ки яке аз тамоюлҳои мусбати маориф баланд кардани сатҳи сифати таълиму тарбияи насли наврас маҳсуб меёбад. Дар шароити муосири низоми демократию инсонпарварона эҳтиёҷ ба тасдиқи тарзи мазмунофарандаи ҳаёти инсонӣ афзуда истодааст, ки барои худинкишофдиҳиву худбаҳодиҳӣ ва амалисозии иқтидори худ дар боигарии анъанаҳои ҷомеа ва фарҳанг қобилият дорад, ки ин матлаб қисмати инсонпарваронаи таҳсилот инъикос меёбад. Мутаносибгардонии муносибатҳои байни омӯзгор ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ метавонад асоси рушди устувори иҷтимоӣ ва маънавии кишвар гардад, ки дар «Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ба сифати яке аз ҳадафҳои таҳсилот пеш оварда шудааст.

Шахсияти педагог, босалоҳиятӣ, мундариҷаи инсонпарварона, хусусият ва самтгирии фаъолияти педагогӣ ва муносибатҳои ӯ, ҳамчунин шахсияти мактаббача, ташаккули самтгириҳои арзишӣ, сифатҳои шахсият, инкишофи қобилият ва омодагӣ ба худмуайянкунии арзишӣ, сатҳи тамаркузи низоми арзишҳо муҳиманд.

Пиров Ҳ. дар автореферати хеш боэътимодӣ ва асоснок будани натиҷаҳои илмӣ тавассути таҳлили методологии муаммои таҳқиқшаванда, бо татбиқи системаи методҳо, ки ба вазифаҳои таҳқиқот, мавзӯи он, мутобиқ мебошанд, бо репрезентативӣ будани интихоби объектҳои озмоиш, давра ба давра арзёбӣ намудани натиҷаҳои дар рафти корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ бадастомада, бо таҳлили миқдорию сифатӣ ва истифодаи методикаи илмӣ, бо тасдиқи фарзияи озмоиш асоснок намудааст.

Муаллифи рисола бамаврид қайд намудааст, ки мутаносибгардонии муносибатҳо дар пасманзари таҳқиқот ҳамчун раванди ба ташаккули

фаъолияти маърифатӣ дохил намудани воситаҳои таълим бо мақсади баланд бардоштани сифати таълими хонандагон муайян карда шуда, аз ин лиҳоз дар бораи иваз шудани модели назариявии банақшагирӣ ва ташаккули парадигмаи стохастикӣ гуфтан мумкин аст, ки ба моделсозии эҳтимолиятии таъсиррасонии падидаҳои муҳити атроф афзалият медиҳад.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ ва хулосаҳои асосии дар рисола бадастомада бо бархӯрди методологӣ ҳинни асосноккунии мавқеъҳои назариявӣ, мушоҳидаҳо ва таҷрибаи шахсии кори муаллиф дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва натиҷаи кори озмоишӣ-таҷрибавӣ тасвиб мегардад. Басанда будани таҷрибаву озмоиши зиёд, тадбиқи методҳои мухталиф ҷиҳати пешбурди таҳқиқ, моҳияти оморӣ доштани натиҷаҳои таҷрибавӣ бо дарназардошти таҳияи миқдорию сифатии онҳо, ба сифати объекти таҳқиқ муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ интихоб шудаанд.

Таҳқиқоти илмии анҷомёфтаро ҳамчун коркарди аз ҷиҳати илмӣ асоснок, ки ҳалли масъалаҳои муҳимро дар соҳаи илми педагогӣ таъмин мекунанд, тавсиф намудан мумкин аст. Рафти таҳқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳое, ки муаррифӣ гардиданд, асоснок мебошанд.

Автореферати таҳиянамудаи Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович доир ба муаммои мутаносибгардонии фаъолият, ки барои ноилшавӣ ба мувофиқат, баробарӣ, тартиби қисмҳои том, ягонагии гуногуннавъӣ, мувофиқати ҳадаф, мундариҷа ва шакл равона гардидааст, имрӯз дар худмуайянкунии инсон ба муаммои ҳифзи асосҳои мавҷудияти ӯ, ки сатҳи натиҷабахшии раванди педагогии муносибатҳои арзишии омӯзгор ва хонандаро тавассути мутаносибгардонӣ баланд метавон кард, алоқамананданд.

Ягонагии дохилӣ ва самтгирии натиҷаҳои ҳосилшуда барои ҳаллу коркарди масъалаи таҳқиқшаванда бо сохти дақиқи дастгоҳи илмӣ, пайдарпайӣ ва мантиқи дохилии иҷрои марҳалаҳои кор, ҳамчунин бо маҷмӯи методҳои таҳқиқоти илмии педагогӣ, ки муаллиф дар зинаҳои гуногуни таҳқиқот истифода намудааст, таъмин мегардад.

Таҳлили адабиётҳои пешниҳодшудаи автореферат ва корҳои чопшуда аз он шаҳодат медиҳад, ки тадқиқотҳои гузаронидаи Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович ба мазмун ва мундариҷаи дисссертатсия мувофиқ аст.

Умуман, автореферати дисссертатсияи Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович ба талаботҳои Низомномаи “Тартиби додани

дараҷаҳои илмӣ”- и КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, комилан ва пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01-педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) сазовор аст.

Номзади илмҳои педагогӣ,
муовини ректор оид ба корҳои тарбияи
Донишкадаи кӯҳию металлургии
Тоҷикистон Аминҷонова М.С.

***Маълумот барои тамос:*** *735730, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Бӯстон, кӯчаи Баротов А. 6. Тел: +992927934499.*

Имзои М. Аминҷонова-ро тасдиқ менамоям:

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси

Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон Муминова Д.М.

20.05.2024с.